**Корфармо бояд донад:**

Дар Тоҷикистон Кодекси нави ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ қабул гардид. Он аз 1 апрели соли 2009 мавриди амал қарор мегирад.

Дар Кодекси нав доираи масъулият нисбати вайрон намудани талаботи бехатарии меҳнат васеъ карда шудааст:

- барои аз тарафи шахсони мансабдор, инчунин дигар кормандоне, ки ба таъмини қоидаҳо масъуланд, риоя накардани талаботи қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми набудани аломати ҷиноят ба андозаи аз сӣ то чил нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад;
- барои аз тарафи корфармо риоя накардани қонунгузорӣ оид ба ҳифзи меҳнат, яъне иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани ӯҳдадорӣ вобаста ба ташкил намудани шароити солиму бехатарии корӣ, ҷорӣ намудани воситаҳо ва технологияи таъминкунандаи меъёри санитарию гигиенӣ ва талаботи стандартҳо оид ба ҳифзи меҳнат ҳангоми набудани аломати ҷиноят ба андозаи аз сӣ то чил нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад;
- барои аз тарафи корфармо напардохтани маблағи муқарраршудаи суғурта ё ёрдампулӣ ба шахсони дар истеҳсолот ҷабрдида ба андозаи аз сӣ то чил нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад;
- барои аз тарафи корфармо дар мӯҳлати муқарраршуда иҷро накардани амрнома ва дастури мақомоти давлатӣ оид ба назорати риояи қонунгузорӣ дар бораи меҳнат, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон **пешбинӣ** карда шудааст ба шахсони мансабдор ба андозаи аз сӣ то чил ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз сад то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.

Корфармо бояд зиёни ба корманд дар натиҷаи ҳодисаи нохуш расонидаро ҷуброн намояд. Ба ҷабрдида музди меҳнати

дар натиҷаи ҳодисаи нохуш аз даст рафта ҷуброн карда мешавад.

**Ба кормандони** дар натиҷаи ҳодисаи нохуш **маъюбшуда** аз ҷониби корфармо **кӯмакпулии якваҡта дар ҳаҷми на камтар аз музди меҳнати яксолаи ҷабрдида** пардохта мешавад.

Ҷабрдида бо назардошти нишондодҳои тиббӣ бо касбомӯзии бепул ва бо кор таъмин карда мешавад. Бо розигии тарафҳо хароҷоти табобат ва дигар намудҳои кӯмаки тиббию иҷтимоӣ ҷуброн карда мешаванд.

Дар мавриди **фавти корманд** ба оилаи ӯ (аз ҷониби корфармо) **қумакпулии якваҡта дар ҳаҷми музди меҳнати даҳсолаи** (яъне музди меҳнати 120 моҳ) шахси фавтида пардохта мешавад.

Дар мавриди барҳам хӯрдани корхона, масъулияти пардохти зиён ба ҷабрдидагон ва аъзои оилаи онҳо ба мақомоти таъминоти ҳифзи иҷтимоӣ гузошта мешавад.

Ба ғайр аз ин, Кодекси меҳнат барои занон ва ҷавонони то сини 18-сола як қатор имтиёзҳо пешбинӣ намуда, истифодаи меҳнати онҳоро дар шароити хатарнок ва зараровари меҳнатӣ маҳдуд менамояд (Бобҳои 12 ва 13).

Масъулияти иҷроиши талабот ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат на танҳо ба зиммаи корфармо, балки ба зиммаи корманд низ гузошта мешавад.

**Моддаи 154:**

**КОРМАНД вазифадор аст, ки талаботи меъёру қоидаҳо ва дастурамалҳоро оид ба ҳифзи меҳнат, ҳамчунин фармоишҳои корфарморо доир ба бехатарии пешбурди корҳо риоя намояд, аз воситаҳои ҳифозати фардӣ истифода кунад.....**

**Барои риоя накардани ӯҳдадориҳои зикршуда корманд ба**

Давлат аз ҷониби худ вазъи ҳифзи меҳнатро назорат менамояд. Ин вазифаҳо низ ба зиммаи Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи меҳнат, шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ гузошта шудааст. Хадамоти мазкур дар сохтори Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таъсис дода шудааст.

Меъёрҳои асосии таъмини ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба ҳифзи меҳнат ва саломатӣ дар раванди фаъолияти меҳнатии онҳо муфассалтар дар Қонун **«Дар бораи ҳифзи меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** инъикос ёфтаанд.

Дар Тоҷикистон меъёрҳои ҳифзи меҳнати дар Иттифоқи Советӣ қабулшуда ҳоло ҳам амал мекунанд. Ин меъёрҳо дар китоби алоҳида ҷамъ оварда шудаанд: **«Охрана труда в сельском хозяйстве. Справочник», Издательство «Колос», 1975 год, О-92 М. Составители: М.М.Большов, В.И. Орлов, А.И. Подопригора, Н.Н.Савицкий и др.**

Дар ин китоб заруртарин ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳифзи меҳнат, қоидаҳои техникаи бехатарӣ дар соҳаҳои асосии кишоварзӣ ҷамъ оварда шудаанд.